**Суратмаҷлиси №1**
**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «28» июли соли 2025 ш.Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 28- уми июли соли 2025, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои таърих, профессор Қурбонов Б.Р.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои таърих, Ҷалилов М.Ш.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-082, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2024 таҳти №443/шд тасдиқ гардидааст, 10 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравранд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад оиди оғози кори шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ҳимояи такрории ошкорои рисолаи илмии Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ).

1. Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Сайнаков Сайнак Парпишоевич номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Абдурашитов Фозил Маматович,** доктори илмҳои таърих, дотсент, Мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
2. **Қараев Фарҳод Қурбонович -** доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** МДТ «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои таърих, профессор Қурбонов Б.Р. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.
2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои таърих, Ҷалилов М.Ш. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.
3. **Унвонҷӯ:** Ватанзода Шердил Ватан мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Зикриёева М., Гадозода А., Абдуллоев М., Баротов М., Қурбонов М. ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

**Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ** Сайнаков Сайнак Парпишоевич номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсияи **Ватанзода Шердил Ватан** дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941–1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) бо имзоҳои раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи таърих ва фалсафа Ҳайдаров А.А., ташхисгар, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърих ва фалсафа Ҳотамов Н.Б. ва котиби ҷаласа – Ҳабибов С.И. бо суратҷаласаи №11, аз 16 июни соли 2025 таҳия шуда, аз ҷониби ректори муассиса Асрорзода Убайдулло Саттор аз 20.06.2025 тасдиқ карда шудааст, имзо гузоштаанд. Мазмуни тақриз

мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Ватанзода Шердил Ватан дар мавзӯи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941–1945)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Абдурашитов Фозил Маматович** - доктори илмҳои таърих, дотсент, Мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
2. **Қараев Фарҳод Қурбонович** - доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ба Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-082 аз номи шахсони зерин 5 тақризи ғайрирасмӣ ба автореферати **Ватанзода Шердил Ватан** ворид шудаанд, ки дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ва автореферат ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

1. **Тақризи Ҳоҷибеков Элбон** - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев. Тақриз мусбат арзёби шудааст.
2. **Тақризи Маликов Маҳмуд Ҳакимович** - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва таърихи ватании Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.
3. **Тақризи Антипин Николай Александрович** - номзади илмҳои таърих, муовини директори Бойгонии давлатии мутаҳидшудаи вилояти Челябински ФР. Тақриз мусбат аст.

**4. Тақризи Муллоҷонзода Асадулло Кучак -** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тақриз мусбат мебошад.

**5. Тақризи Боронова Рухшона Абдурасуловна -** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. Тақриз мусбат мебошад.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Ватанзода Шердил Ватан пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Ватанзода Шердил Ватан барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: Қурбонзода Х., Баҳодуров Б.Ф., Баротов М.Ф. интихоб гардид. Комиссия овозиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 10 аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм-профессорон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мерав止.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 10 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) **хулосаи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295)

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Бромад ва муҳокимаи диссертатсияи **Ватанзода Шердил Ватан** дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар

солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941–1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Абдурашитов Фозил Маматович** - доктори илмҳои таърих, дотсент, Мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва **Қараев Фарҳод Қурбонович** - доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

**2.** Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

**3.** Ба Ватанзода Шердил Ватан дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) дода шавад.

**4.** Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба Ватанзода Шердил Ватан додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) дастгирӣ намуда, барои додани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 10 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Қурбонов Б.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҷалилов М.Ш.**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

“28” июли соли 2025
ҶМ